Аз огози даъвати бахории шахрвандон ба хизмати харбӣ 40 рӯз сипарӣ гардид. Дар ин муддат аллакай тамоми шахру нохияхои вилояти Хатлон, чор нохияи Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон ва хафт шахру навохии вилояти Сугд аз ичрои пурраи накшаи даъвати шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ гузориш доданд.

Дар ин радиф, ичрои накша дар ВМКБ 93 фоиз, дар вилояти Сугд 84 фоиз, Комиссариатхои харбии нохияхои тобеи марказ 83 фоиз ва дар чахор навохии пойтахт дар давоми 40 рӯзи ин чорабинии мухими сиёсӣ 66 фоизро ташкил медихад. Умуман аз огоз то имрӯз ичрои накша дар чумхурӣ  ба  88 фоиз баробар аст.

Кобили кайд аст, ки дар асоси фармони Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон «Дар бораи ба эхтиёт рухсат додани хизматчиёни харбие, ки мухлати мукарраргардидаи хизмати харбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шахрвандони солхои таваллуди 1989-1998 Чумхурии Точикистон ба хизмати харбӣ» ва тибки талаботи Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ӯхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ» даъвати бахории шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ, аз 1-уми апрели соли 2016 дар тамоми шахру навохии мамлакат огоз гардида, он  то 31-уми майи  соли 2016  идома меёбад.

Кобили зикр аст, ки дар баробари даъвати чавонписарони аз 18 то 27 солаи Чумхурии Точикистон инчунин тибки талаботи ин фармон ва мутобики моддаи 7 Конуни ЧумхурииТочикистон «Дар бораи мудофиа»  хизматчиёни харбие, ки мухлати мукарраргардидаи хизмати харбиро адо намудаанд, моххои апрел-майи соли 2016 аз сафи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон, Гвардияи миллии Чумхурии Точикистон, Кӯшунхои дохилии Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон, Кӯшунхои мудофиаи граждании Кумитаи холатхои фавкулода ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон  ба  эхтиёт рухсат дода шаванд.

Маркази матбуоти  ВМ ЧТ